# ИДОМАИ ҲАФТАИ ИЛМ ДАР ПАЖӮҲИШГОҲ

Санаи 22 -юми апрели соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бахшида ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Рӯзи илми тоҷик” Конференсияи муассисавии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Нақши заминаҳои моддӣ-техникӣ ҷиҳати ба касб фаро гирифтани ҷавонон дар тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ» баргузор гардид. Конференсияро муовини сардори Раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимӣ Имомназаров Давлатназар ифтитоҳ намуда, таъкид кард, ки дар даврони 35 - соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо талошу ташаббусҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, соҳаи илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба марҳилаи нави рушд ворид гардид. Иброз гардид, ки маҳз ба шарофати таваҷҷуҳи доимӣ ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат заминаҳои моддию техникӣ ва илмию методии соҳа таҳким ёфта, барои рушди илми тоҷик, такмили фаъолияти муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва тарбияи мутахассисони соҳибкасбу донишманд шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Сипас, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳ Маҳкамов Дастам дар мавзуи «Таърихи рушди таҳсилоти касбӣ» суханронӣ намуд. Ҳамчунин, Носирзода Шамсияи Амин - муаллими калони кафедраи педагогика ва психологияи Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи “Омилҳои педагогии ташаккули шавқи ҷавонон ба касби омӯзгорӣ” маърӯза кард. Ҳамзамон, Холиқзода Холмаҳмад - н.и.п., ходими калони шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар мавзуи “Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар тайёр намудани мутахассисони оянда ба касби омӯзгорӣ” ва Гадоев Идибек -ходими пешбари илмии шуъбаи мазкур дар мавзуи “Нақши базаҳои моддӣ-техникӣ дар тайёр кардани кадрҳои рақобатпазир” баромад намуданд. Дар ҷамъбасти конференсия иброз гардид, ки таҳқиқу баррасии пайвастаи ин масъала ва татбиқи таҷрибаҳои муассир дар амалияи таълимӣ барои рушди минбаъдаи соҳа аҳамияти муҳим дорад.







